# ТАҚРИЗИ МУҚАРИЗИ РАСМӢ

**дотсент Алимардонзода Тоҳирҷон Ашуралӣ ба диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат пешниҳод гардидааст.**

**1. Мутобиқати мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба бандҳои 1.Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияи рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии меҳнат ва ғайраҳо); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоӣ; 3. Муаммоҳои назариявию методологии дар бозори меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; 6. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ); 13. Танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он; 14. Сиёсати иҷтимоӣ, рушди иҷтимоӣ ва бехатарии иҷтимоӣ ва ғайраи шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат мувофиқ мебошад.

**2. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллии кишвар кам муаммоҳое нестанд, ки садди роҳи инкишоф ва тараққиёти иқтисодиёти

меҳнат бошанд, ба монанди: назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии меҳнат, шуғли аҳолӣ, бекорӣ, оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайраҳо.

Аз ин лиҳоз, ҳадафи асосии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат дар давраи дарозмуддат на танҳо зиёд кардани шумораи ҷойҳои корӣ, балки таъмин намудани ҷойҳои кории устувор ва самарабахш мебошад. Ҳамзамон, муҳим аст, ки маҳсулнокии меҳнат баланд бардошта шавад ва ҳифзи иҷтимоии боэътимоди аҳолӣ таъмин гардад, то сатҳи зиндагӣ беҳтар ва устувории иқтисодӣ таъмин шавад. Аз ин рӯ, сиёсати шуғлнокии давлат ба масъалаи таъмини шуғлнокӣ, истифодаи самараноки қувваҳои корие, ки дар бозори меҳнати иқтисодиёти деҳот қарор доранду ба сифати яке аз омилҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот баромад менамояд, тақозо дорад.

Ин аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман дар тамоми минтақаҳои мамлакат, аз ҷумла, дар деҳот бозори меҳнат ташаккул ёфт, ки дар айни замон ба мушкилоти зиёде дучор гардида, ба такмили механизмҳои танзими давлатӣ ва татбиқи сиёсати шуғлнокӣ ниёз дорад. Бо назардошти ин такмили механизмҳои коркарду татбиқи сиёсати давлатӣ доир ба шуғли аҳолӣ, ки бидуни таҳқиқи қонуниятҳои рушди шуғлнокӣ, зуҳури шаклу намудҳои он ва танзими бозори меҳнати минтақавӣ дар шароити иқтисодиёти тағйирёбанда ғайриимкон аст, муҳим гардидааст.

Омилҳо ва шароитҳои дар боло зикргардида муҳимият ва аҳамияти диссертатсияи унвонҷуро тасдиқ менамояд. Гузориши муҳимияти мавзуи таҳқиқот мушаххас ва муҳтавои диссертатсия, фарогири фармонҳо ва қарорҳои Ҳукумати кишвар, барномаҳо стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон- ро дарбар гирифта ва қобили истиқбол мебошад, чунончи дар саҳифаи 4 ва 5

омадааст таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи бандҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар он мавҷуд будани ҳиссаи баробари бозори меҳнати себахша дар манотиқи деҳот (шуғли расмӣ, ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ) таъкид шудааст, ки ба таъмини шуғли фарогири аҳолӣ мусоидат менамояд, бармеояд.

Дар саҳифаҳои 14 ва 15 оварда шудааст, татбиқи сиёсати шуғл дар манотиқи деҳоти мамлакат нақши калидӣ дорад, зеро дар ин минтақа беш аз 73 фоизи аҳолии мамлакат ва 63 фоизи қувваи кории иқтисодиёти кишвар воқеъ мебошад. Захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳои деҳот унсури калидии иқтисоди аграрӣ ба ҳисоб меравaнд. Сиёсати давлатии шуғлнокии аҳолӣ як ҷузъи муҳим ва асосии сиёсати иҷтимоии давлат мебошад. Сиёсати фаъолонаи шуғлнокӣ - ин маҷмӯи тадбирҳое мебошад, ки давлат барои нигоҳ доштани сатҳи баландтарини шуғлнокӣ ва коҳиш додани бекорӣ истифода мебарад.

Вобаста ба ин, дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018) бо назардошти зарурати рушди инфрасохтори деҳот, солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон карда шуда буданд. Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019 (№1170) тасдиқ карда шудааст. Дар натиҷаи амалӣ гардидани ин фармон пешравиҳо дар рушди инфрасохтори деҳот рӯи кор омад, ки инро ВАО хабар медиҳад. Айни замон, дар мамлакат масъалаҳои таъмини рушди деҳот хусусият ва вазифаҳои дарозмуддатро доро мебошад. Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 самтҳои афзалиятнок барои рушди минтақаҳои деҳот «муайян намудани самтҳои калидӣ барои ҳар як минтақа бо дарназардошти иқтидори мавҷуда, вазъи бозори меҳнат, хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ,

инчунин имкониятҳои воқеӣ барои иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷа дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат» ба ҳисоб мераванд.

Дар ниҳоят, стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 пешбинӣ мекунад, ки барои рушди ҳамоҳанги Тоҷикистон муҳим аст, ки ба ҳар як минтақа таваҷҷуҳ дода шавад ва барои рушди он имкониятҳои баробар таъмин гарданд. Барои баланд бардоштани сифати шуғлнокии аҳолии деҳот, таъмини онҳо ба шуғлнокии пурмаҳсул ин як такони ҷиддие мебошад. Барои ҳаллу фасли масъалаи шуғлнокии аҳолии деҳот пеш аз ҳама дар доираи барномаҳои давлатии рушди кишоварзӣ ва танзими бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ баҳисобгириҳои тавозунии теъдоди ҷойҳои кории нақшавӣ дар соҳа бо нишон додани сохтори касбӣ-ихтисосии онҳо, ки қисми захираҳои меҳнатии аз тарафи бахши аграрӣ дархостшавандаи деҳотро нишон медиҳанд зарур аст.

Шумораи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии деҳот унсури асосии иқтидори истеҳсолии иқтисодиёти кишоварзӣ ва қувваи умдаи ҳаракатдиҳандаи рушди бахши аграрии иқтисодиёт мебошанд. Бинобар ин, беҳтар намудани сифати онҳо, истифодаи нисбатан пурра ва самараноки захираи инсонӣ ба ҳайси яке аз омилҳои нисбатан муҳими рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот баромад мекунанд. Ин аҳаммияти тадқиқоти диссертатсиониро муайян мекунад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардида, аз ҷиҳати гузориш ва тартиб муҳтавои мундариҷа, қисми асосии диссертатсияро тавсиф менамояд, ки дар саҳифаҳои (9-10) диссертатсия ва автореферат илман асоснок возеҳ иншо гардида омадааст.

Навогонии илмии таҳқиқот дар асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методии самти таҳқиқот ва баҳодиҳии навъи алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзии шуғл дар иқтисодиёти деҳот ва таҳияи тавсияҳои консептуаливу амалӣ ҷиҳати таҳкими сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ва танзими он ифода ёфтааст. Натиҷаҳо ва навовариҳои муҳимтарини илмии бадастовардаи муаллиф инҳоянд:

1.Пеш аз ҳама дар диссертатсияи унвонҷӯ, сиёсати давлатии шуғлнокии аҳолӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ арзёбӣ шуда, асоснок карда шудааст, ки моҳияту механизми татбиқи он бояд дар заминаи муқаррароти муаллифии моҳияти шуғл дар низоми иқтисоди бозорӣ ҳамчун раванди иштироки фаъоли аҳолии қобили меҳнат дар намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, ки дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ бо кордеҳон, фаъолияти соҳибкорӣ, худмашғулӣ ва тавассути муҳоҷирати меҳнатӣ сурат гирифта, ҳифзи иҷтимоии онҳо аз тарафи давлат таъмин мешавад, мукаммал гардонида шудааст.

2. Унвонҷӯ дар диссертатсия исбот намудааст, ки шуғли алтернативӣ маҳсули раванди объективии суръатгирии диверсификатсияи шуғл буда, хонаводаҳо ва ё оилаҳо якчанд намудҳои гуногуни корро интихоб мекунанд ва ё пурра ба бахши ғайрикишоварзӣ мегузаранд, ки ба онҳо имкониятҳои бештари даромадро меорад; заминаҳои пайдоиши шуғли алтернативӣ, ки аз мазмуни низоми устувори воситаҳо барои зиндагӣ бармеоянд асоснок карда шуда, масъалаҳои методии арзёбии шуғли алтернативӣ аниқ карда шудааст.

3. Дар диссертатсияи унвонҷӯ хусусиятҳо ва тамоюлоти шуғл дар иқтисодиёти деҳоти мамлакат муайян карда шудаанд: сатҳи пасти тамоюли диверсификатсияи истеҳсолоту фаъолият ва афзалияти сифати анъанавии он, сарбории зиёди демографӣ, изофаи захираҳои меҳнатӣ ва ғайра сабаби рушди шуғли ғайрикишоварзӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд.

4. Аз ҷониби унвонҷӯ роҳҳои мукаммалгардонии механизми дастгирии давлатии ташкили шаклҳои алтернативии шуғлнокӣ дар самти ҳунарҳои мардумӣ (гулдӯзӣ, бофандагӣ ва тӯрбофӣ аз пӯстлохи дарахт, ҷалғӯза ва ғ.), инчунин дар самти агротуризму асалпарварӣ ва коркарди саноатии ашёи хоми маҳаллӣ (истеҳсолоти бофандагӣ аз матоъҳои тибитдор, ҷамъоварӣ, коркард ва фурӯши минбаъдаи меваҳои худрӯй, занбурӯғҳо ва ғайраҳо) асоснок карда шудааст;

5. Муаллиф асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои коркарди самтҳои стратегии рушди соҳаҳои шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ва зарурати инъикоси он дар сиёсати давлатии шуғлро пешниҳод намудааст, зеро иқтисодиёти деҳот ҳамчун низоми мураккаби соҳаҳо ва намудҳои мухталифи фаъолият, маҷмуи иштирокчиёни (агентҳои хоҷагидори гуногун) муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ҷиҳати истифодаи захираҳои манотиқи деҳот ба миён омадааст, рушд кардааст.

Қобили қайд аст, ки навгониҳои илмии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашуда мавқеи илмии унвонҷӯро дар сатҳи таҳқиқот нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда фаро мегиранд, ки дар онҳо исботи натиҷаҳои амалии кори ӯнвоҷу ифода гашта, баҳои воқеии кори ӯро дар бар мегиранд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия инкишофёфта**

Мақсади рисолаи номзадӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан ва таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Асосҳои амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалии дар он ифодаёфта имконият медиҳад, ки таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои шуғлнокӣ истифода карда шаванд. Инчунин, пояи назариявии таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун замина ҳангоми коркарди механизмҳои дастгирии давлатии ин намуди

шуғлнокӣ истифода гардад. Мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ имконият медиҳад, ки назарияи шуғл, роҳҳои методии таҳқиқот, баҳогузорӣ ва танзими шуғлнокӣ васеъ гардонида шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқарраротн назариявие, ки дар асарҳои бунёдии олимон иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ, бозори меҳнат ва сиёсати шуғлу танзими бозори меҳнат инъикос ёфтаанд, ташкил додааст. Ҳамзамон, самти таҳқиқотро нуқтаҳои консептуалии сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ, ки дар барномаҳои миллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ, санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи таҳқиқот ҷой доранд, муайян намудааст.

**5.Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**

Рисолаи диссертатсионӣ аз рӯйи мақсад, вазифаҳо ва мантиқии таҳқиқот муайян карда мешавад. Диссертасия аз муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯихати адабиётҳои истифодашуда аз 204 номгӯй, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Матни диссертатсия дар ҳаҷми 202 саҳифа пешниҳод шуда, 44 ҷадвал ва 7 расмро дар бар мегирад.

Дар муқаддима (саҳ. 4-13) мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ,
сатҳи илмии омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, предмет ва методҳои таҳқиқот муайян гардида, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсия ва саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот ифода шудаанд.

Дар боби аввал **«Асосҳои назариявии таҳқиқи сиёсати давлатии шуғл ва шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот»** (саҳ. 15-65), муносибатҳои консептуалӣ доир ба шуғлнокӣ ва сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ, муҳтаво ва асосҳои консептуалии шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот, иқтисодиёти деҳот ҳамчун макони рушди шуғли алтернативӣ маълумотҳои муҳим оварда шудааст. Муаллифи рисолаи

мазкур бо такя ба сарчашмаҳои гуногуни илмӣ нуқтаи назари илмии худро оид ба асосҳои назариявии таҳқиқи сиёсати давлатии шуғл ва шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот пешниҳод намудааст.

Унвонҷӯ дар рафти иҷроиши диссертатсия оид ба шаклҳои асосии шуғл, (саҳ. 26) мафҳумҳои муҳим овардааст. Шуғли чандир ин шакли фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки бо шароити чандир фарқ мекунад ва аз реҷаи стандартии корӣ фарқ дорад, оид ба ин гуна мафҳумҳо шароитҳои муайянро қайд намудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид амсиласозии оптималӣ гардонидани рушди шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот иборат аст. Унвонҷӯ татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертасионии худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки тафсири конкертии онро дар шакли зайл мушоҳида кардан осон мебошад.

Вазифаҳо ва присипҳои сиёсати шуғл (саҳ. 16) қобили қабул аст. Ҳамчунин, мушкилотҳои асосии рушди иҷтимоиву иқтисодии манотиқи деҳот дуруст тасвир карда шудааст (саҳ. 35).

Мӯҳтаво ва асосҳои консептуалии шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот дар саҳифаҳои (36-54) бо тамоми махсусиятҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст ва рушди алтернативӣ даврабандии муаллиф муваффақияти муаллиф маҳсуб мебошад. Муаллиф тавонистааст оид ба иқтисодиёти деҳот ҳамчун макони рушди шуғли алтернативӣ (саҳ. 55-64) маълумотҳои хуберо дарҷ гардонидааст.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Таҳлил ва арзёбии ҳолати шуғлнокӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (саҳ. 66-121) баррасӣ гардидааст. Дар ин боб муаллиф оид ба таҳлили тамоюли муосир ва сохтори шуғлнокӣ дар иқтисоди деҳот, сабабҳои иқтисодиву иҷтимоии рушди шуғлнокии алтернативӣ, арзёбии шуғлнокии

алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот, маълумотҳои муҳим оварда мавриди омӯзиш қарор додааст.

Муаллиф зимни таҳлил аз маълумотҳои омори расмӣ истифода бурда, арзёбии сабабҳои иқтисодиву иҷтимоии рушди шуғлнокии алтернативиро бо истифода аз усулҳои хуби таҳлилӣ анҷом додааст. Дар навбати аввал унвонҷӯ дар параграфи 2.1 (саҳ. 65) таҳлили тамоюли муосир ва сохтори шуғлнокӣ дар иқтисоди деҳот маълумотҳо оварда таҳлилҳои хуберо анҷом додааст. Муаллиф дар параграфҳои дигар оид ба динамикаи аҳолии деҳот (саҳ. 66), динамикаи захираҳои меҳнатӣ ва аҳолии машғул дар иқтисодиёти Тоҷикистон (саҳ.67), суръати афзоиши шумораи аҳолӣ ва шуғлнокӣ дар ҳар панҷсолаи солҳои 2000-2023 (саҳ.69), вазъи бекорӣ ва бозори меҳнат дар мамлакат (саҳ.70), динамикаи шуғлнокии аҳолӣ дар кишоварзӣ (саҳ.75), тағйироти шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (саҳю79), динамикаи сохтори даромади аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.83) ва дигар нишондиҳандаҳое, ки таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос менамояд, мавриди омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор додааст.

Муаллиф оид ба сабабҳои иқтисодиву иҷтимоии рушди шуғлнокии алтернативӣ (саҳ. 87) маълумотҳо оварда таҳлилҳои хуберо оид ба динамикаи шуғлнокӣ ва истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 89), таносуби музди миёнаи меҳнати моҳонаи кормандони кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон (саҳ. 92), динамикаи истифодаи даромади умумии аҳолӣ дар деҳот (саҳ.102), ва амсоли онҳо гузаронидааст, ки сатҳи аҳамиятнокии рисоларо боз ҳам баланд мебардорад. Муаллиф як қатор мушкилотҳое, ки рушди таҳлили тамоюли муосир ва сохтори шуғлнокӣ дар иқтисоди деҳотро, ки дар иқтисодиёт боз медоранд, ошкор намудааст.

Дар боби сеюми рисолаи диссертатсионӣ **«Самтҳои асосии сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини рушди шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот»** (саҳ. 122-173) номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои вобаста ба роҳҳои асосии таҳкими шуғлнокии алтернативӣ дар доираи сиёсати рушди деҳот (саҳ.122) пешниҳод шуда, такмили механизмҳои дастгирии давлатии шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот (саҳ. 144), асосноккунии консепсияи муосири рушди шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот (саҳ.158) пешниҳод шудааст, ки фаъолияти босамари таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро тавсиф менамояд. Бо ин восита муаллиф собит менамояд, ки дар шароити муосир набудани стратегияи мушаххаси шуғл, махсусан шуғли алтернативӣ барои аҳолии деҳот, кори мақомоти шуғлро душвор намуда, самаранокии онро коҳиш медиҳад, маълумотҳои муҳим оварда пурсишномаҳо гузаронидааст. Инчунин оид ба натиҷаи пурсиш ба саволи – "Бо кадом сабабҳо шумо дар деҳот зистан мехостед?" (саҳ.159) сипас барои он ки ҷавонон дар деҳот ва соҳаи кишоварзӣ боқӣ монанд, муҳим аст, ки шароити зиндагӣ ва кор беҳтар карда шаванд маълумотҳои хуберо овардааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадҳои гузоштаашуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф такмили механизмҳои дастгирии давлатии шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро мавриди омузиш қарор дода шуда, роҳҳои баландбардории самаранок истифодабарии шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро коркард ва самтҳои афзалиятноки онро дар кишвар таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар хулоса ва пешниҳод ҷамъбасти натиҷаи асосии таҳқиқот иборат аз 4 банд ва тавсияҳо барои истифодаи амалии он иборат аз 5 банд оварда шудааст (саҳ.174-178).

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалии дар он ифодаёфта имконият медиҳад, ки таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои шуғлнокӣ истифода карда шаванд. Инчунин, пояи назариявии таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун замина ҳангоми коркарди механизмҳои дастгирии давлатии ин намуди шуғлнокӣ истифода гардад. Мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ имконият медиҳад, ки назарияи шуғл, роҳҳои методии таҳқиқот, баҳогузорӣ ва танзими шуғлнокӣ васеъ гардонида шавад.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ дар як қатор маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқиии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин муқаррароти натиҷаҳои асосии диссертасия дар 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаву нашрияҳои мансуб ба нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Матлабҳо ва тавсияҳои таҳқиқот дар ҳаҷми умумии 6,5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад, ки тибқи талаботҳои мавҷудбуда муҳтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамояд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар заминаи муқаррароти низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқадима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои

илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин як қатор меъёрҳои дигари диссертатсия: ҳаҷм, ҷадвалу диаграммаҳо, ададбиёти истифодашуда ва монанди инҳо аз тарафи унвонҷӯ ҳангоми таҳияи диссертатсия низ риоя гардидаанд.

**9. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмю назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Новобаста ба муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо арзиши баланди таҳкиқотро коста наменамоянд. Аз ин лиҳоз, ислоҳи норасоӣ ва камбудиҳои мазкур моҳияти амалию методологии диссертасияро беҳтар менамуданд:

1. Дар диссертатсия иқтибосҳо ба корҳои илмии олимони ватанӣ оид ба мавзуи таҳқиқишаванда кам оварда шудаанд, ҳарчанд ки корҳои илмии ба мавзуи диссертатсия наздик зиёданд.
2. Таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, ки ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсилаҳои корбурдшудаи онҳо мутобиқ пешниҳод мешуд арзиши илмию амалии таҳқиқот баланд хоҳад буд.
3. Муаллиф барои беҳтар кардани вазъи иқтисодии ва иҷтимоии мардум дар деҳот, таҳия ва татбиқи сиёсати шуғли алтернативӣ аҳамияти зиёде дода оид ба он омилҳои муҳимеро овардааст (саҳ.170). Хуб мешуд, ки ба ин гуна омилҳо дар оянда бештар аҳамият дода шавад.

4. Муаллиф оид ба такмили механизмҳои дастгирии давлатии шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.144) ибрози ақида кардааст, дар ин бобат хуб мешуд усулҳо ва фишангҳои давлатӣ васеътар арзёбӣ карда шаванд.
5. Дар расми 2.1., саҳифаи (79), оид ба тағйироти шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳлилҳо то соли 2022 нишон дода шудааст. Хуб мешуд он таҳлилҳо то соли 2024 нишон дода мешуд.
6. Дар параграфи 3.1., саҳифаҳои (122-142), роҳҳои асосии таҳкими шуғлнокии алтернативӣ дар доираи сиёсати рушди деҳот, сифати кор беҳтар мегардид, агар аз ҷониби муаллиф доир ба масъалаи вобастагии омода кардани кадрҳо дар сатҳи ибтидоӣ-касбӣ ва миёнаи касбӣ, ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиётидеҳоти ҷумҳурӣ илова мешуд.
7. Баъзе аз вожаҳо ва ибораҳо дар диссертатсия таҳрирталаб мебошанд. Хуб мешуд ин вожаҳо ва ибораҳо дар диссертатсия ислоҳ карда мешуд.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро коҳиш намедиҳанд.

Автореферати тақризшаванда муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамояд.

**10. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертасия**

Диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии тахассусии ба итмом расида фарогири масъалаҳои муҳим барои таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмиро доро буда, саҳми

шахсии Абдуллозода Хосамоҳ Худойдодро дар амсиласозии таҳлилҳои иқтисодии рушди таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад.

Гуфтан зарур аст, ки диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод ба талаботҳои Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст. Муаллифи диссертатсия Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат, сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**дотсенти кафедраи кибернетика**
**ва иқтисоди рақамӣ** **Алимардонзода Т.А.**
Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, Бинои
таълимии № 7, кафедраи «Кибернетика ва
иқтисоди рақамӣ», ауд. 112,
Тел: 207565644
E-mail: alimardonov.86@bk.ru

Имзои Алимардонзода Т.А. тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17,
E-mail: tnu.tj: Тел: 221-77-11

20.01.2026.